КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «3» июли соли 2019 №160 ш. Душанбе

Оид ба рад намудани воридсозии маҷаллаҳои
илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)
илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) ва Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/2),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Воридсозии маҷаллаи «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Феҳристи маҷаллаҳо (нашрияҳои)-и илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли нашр - 2016, ISSN: 2414-9217) рад карда шавад.

2. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

3.Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба ухдаи муовини раиси Комиссия Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2019, протоколи №7

Раис А. Розиқзода